**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло дар мавзуи «Масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), пешниҳод шудааст, (Душанбе, 2022. – 32 саҳ.).**

Диссертатсияи Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло ба яке аз мавзуъҳои муҳимми дорои хусусияти назариявӣ ва амалидоштаи ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шудааст. Аз таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф аз ихтисорот, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ мебошад.

Вобаста ба ин, навгониҳои муаллифи авторефератро ҳамчун падидаи прогресивӣ дастгирӣ бояд кард. Зеро, муаллиф дар доираи таҳқиқоти анҷомдода сари камбудиҳои м. 67-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон руҷӯъ намуда, баҳри такмил додани қонунгузории ҷиноятии ватанӣ камари ҳиммат бастааст.

Муаллифи автореферат вобаста ба мушкилоти ҷойдошта пешниҳоду таклифҳо манзур намуда, навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ» аз 17 майи соли 2004, таҳти №35, ки бевосита вобаста ба масъалаи мавриди таҳлил қарордошта ворид шуда буданд, рисолаи диссертатсионии мазкур яке аз нахустин корҳои илмии назариявӣ ва амалии ҳуқуқи ҷиноятии замони муосир дар бораи таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ба шумор рафта, аз навгониҳои зерин иборат мебошад:

– дар рисолаи илмӣ бори аввал таърихи пайдоиш ва инкишофи мафҳуми серушморагии ҷиноятҳо даврабандӣ гардида, муаллиф онро ба якчанд давраи инкишоф ҷудо намудааст. Ҳамчунин, муаллиф моҳият ва аломатҳои сершуморагии ҷиноятҳоро ба таври мушаххас нишон дода, дар моддаи алоҳида муқаррар намудани мафҳуми сершуморагии ҷиноятҳо ва намудҳои онро пешниҳод намудааст;

– дар рисолаи илмӣ мафҳуми маҷмӯи ҷиноятҳо, ки он ҳамчун як шакли сершуморагӣ аз омезиши миқдорӣ ва сифатии ҷиноятҳои ягона ба вуҷуд меояд, намудҳои маҷмӯи ҷиноятҳо, аз қабили реалӣ ва идеалӣ ва аломатҳои фарққунандаи онҳо ба таври мушаххас муайян карда шудааст;

– дар рисолаи илмии мазкур маҳакҳои фарққунандаи маҷмӯи ҷиноятҳо аз ҷиноятҳои алоҳида содиршуда, аз қабили фарқияти он аз ҷиноятҳои дарозмуддат, ҷиноятҳои давомдор ва ҷиноятҳои ягонаи мураккаб муайян гардидаанд;

– мафҳуми назариявии асосҳои умумии таъини ҷазо муайян карда шуда, хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятҳо ҳамчун меъёри таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо, баҳогузории шахсияти гунаҳкор, ҳамчун яке аз меъёрҳои таъини ҷазо ва ҷойи ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунанда дар қатори меъёрҳои таъини ҷазо, дар алоҳидагӣ нишон дода шудаанд;

– дар рисолаи илмӣ қоидаҳои муайян оид ба таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо аз рӯйи принсипҳои ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар, пурра ё қисман зам намудани ҷазоҳо пешкаш гардидаанд, ки имконият медиҳанд таъсири онҳо ба намуд, мӯҳлат ва андозаи ҷазо инъикос карда шаванд. Ҳамчунин, навгонии дигари илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки асоснокии зарурати дар моддаи алоҳида муқаррар кардани тартиби таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо, ки барои яке аз ин ҷиноятҳо ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодӣ таъин карда шудааст, амалан асоснок гардидааст;– дар рисолаи илмии мазкур мафҳум, тартиби интихоб ва таъини ҷазоҳои иловагӣ барои маҷмӯи ҷиноятҳо муайян гардида, навгониҳо оид ба бартараф намудани таҷрибаи судӣ пешниҳод мегарданд.

Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, навгонии рисолаи илмӣ ва ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд. Аз ин нуктаи назар, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло илман асоснок буда, бо далелу асосҳои боварибахши назариявӣ, ҳуқуқӣ, омор ва амалияи судиву тафтишотӣ мустаҳкам шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи автореферат оид ба танзими қонунгузории ҷиноятӣ оид ба таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо, равона гардидааст. Ҳамчунин, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснокии таҳқиқоти анҷомдодаро нишон медиҳад.

Бояд ёдовар шуд, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло мусбат мебошад, зеро он яке аз нахустин пажуҳиши комплексӣ оид ба масъалаи таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва барои муҳаққиқони оянда заминаҳои мусоидро дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мегузорад.

Дар маҷмуъ, бояд гуфт, ки автореферати диссертатсияи номзадии Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пайдарпай ва асоснок матраҳ гардида, аз рӯйи диди тоза ва мантиқ таҳлил гардида, сазовори баҳои мусбат аст.

Дар баробари таҳқиқоти пурра анҷомёфта, баъзе аз эродҳо ҷой доранд, ки хусусияти ҷузъӣ дошта, қиммати автореферати диссертатсияро коста намегардонад.

1. Муаллиф дар пешниҳодҳое, ки хусусияти амалӣ доранд, муайян намудааст, ки дар ҳолате, ки маҷмӯи ҷиноятҳоро ҷиноятҳои начандон вазнин ва ё дараҷаи миёна ташкил диҳанд, нисбати ҷазоҳои иловагии якхелаи таъиншаванда метавон принсипҳои ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар ва ё қисман ё пурра зам намудани ҷазоҳо татбиқ карда шавад. Агар дар ин ҳолат ҷазоҳои иловагии гуногун таъин шуда бошад, он гоҳ принсипи мустақилона иҷро гардидани онҳо татбиқ

карда мешавад. Ҳол он, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи мустақилона иҷро шудани ҷазоҳои иловагӣ мавҷуд нест. Аз ин рӯ, вобаста ба ин масъала иловатан андешаи муаллифро шунидан мехоҳем (саҳ. 25).

Эроди зикршуда хусусияти бартариҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намекунад. Аз ин рӯ, гуфтан имконпазир аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло сазовори дарёфтаи дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Декани факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Қодирзода Д.С.**

**Имзои Қодирзода Д.С.-ро тасдиқ менамоям: Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ҳомидов Ш.**

РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРИ ВА КОРҲОИ МАХСУС
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ, ДЕЛО ПРОИЗВОДСТВА И СПЕЦЧАСТИ

«28» 12 **2022 с.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33; Тел.: (+992) 37 224-17-86; факс.: (+992) 37 224-17-86; сомона www.apa.tj; E-mail:info@apa.tj